# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Худо муҳаббати Иброҳимро месанҷад



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: M. Maillot; Tammy S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2025 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.





Як шаб Худо ба Иброҳим фармони аҷиб дод. Ин санҷиш барои дидани он буд, ки оё Иброҳим писараш Исҳоқро аз Худо бештар дӯст медорад?


Худо фармон дод, ки Иброҳим писараш
Исҳоқро гирифта, вайро ҳамчун
қурбонии сӯхтанӣ қурбонӣ кунад.
Исҳоқро қурбонӣ
кардан? Писарашро
қурбонӣ кардан?
Ин барои Иброҳим
душвор буд. Зеро вай
писарашро хеле
сахт дӯст медошт.
3
Аммо Иброҳим ҳатто вақте ки ҳеҷ
чизро намефаҳмид, ба Худо
такя карданро ёд гирифта буд.
Саҳар вай ҳамроҳи Исҳоқу ду
хизматгораш ба кӯҳе, ки дар он
ҷо қурбонӣ
мекарданд,
равона шуд.
4
Пеш аз рафтан Иброҳим
барои даргирондани оташ
барои қурбонии сӯхтанӣ
ҳезум майда карда буд.
Иброҳим нақша дошт,
ки ба Худо итоат
мекунад.
5
Пас аз се рӯз онҳо ба кӯҳ
расиданд. Иброҳим ба
хизматгоронаш чунин гуфт: “Дар ҳамин
ҷо истед. Мо ба боло рафта
парастиш мекунем ва баъд ба
наздатон бармегардем”.
Исҳоқ ҳезумро
бардошта мебурд
ва Иброҳим оташу
кордро гирифта
мерафт.
6
“Барои қурбонии сӯхтанӣ
барра дар куҷо аст?” —
пурсид Исҳоқ. “Худо Худаш
барои қурбонии сӯхтанӣ
барраро муҳайё мекунад” —
ҷавоб дод Иброҳим.
7
Ҳардуяшон ба як ҷойи аниқ ки Худо
онро интихоб карда буд, расиданд.
Иброҳим қурбонгоҳ сохта, дар
болояш ҳезум чинд, то барои Худо
қурбониро сӯзонад. Иброҳим
бисёр қурбонгоҳ сохта буд.
Аммо сохтани ин қурбонгоҳ
аз ҳама душвортар буд.
8


Иброҳим Исҳоқро баста, писари азизашро дар рӯйи қурбонгоҳ гузошт. Оё Иброҳим дар ҳақиқат ба Худо итоат намуда, Исҳоқи азизашро, писари ягонаашро қурбонӣ карданӣ буд?
9


Ҳа, албатта! Ҳангоме ки Иброҳим кордро баланд бардошт, теғи он дурахшид. Шояд дили Иброҳим пора-пора мешуд, аммо ӯ медонист, ки бояд ба Худо итоат кунад.
10


“ИСТО!” — Фариштаи Худованд дод зад. “Акнун фаҳмидам, ки ту аз Худо метарсӣ. Зеро ту писарат, писари ягонаатро бароям дареғ надоштӣ” — гуфт Фаришта.
11


Иброҳим дар байни буттаҳо қӯчқореро дида, Исҳоқро кушод ва қӯчқорро ба ҷойи писараш қурбонӣ кард. Шояд Исҳоқ фикр кард, ки чӣ хеле ки падарам гуфта буд, Худо қурбониро муҳайё кард.
12


Ҳангоме ки падару писар ибодат мекарданд, Фариштаи Худованд ба Иброҳим гуфт: Азбаски ту итоат кардӣ, ба воситаи фарзандони ту тамоми халқҳо баракат меёбанд. Ягон рӯз Исо аз насли Иброҳим таваллуд хоҳад шуд.
13


Сипас Иброҳиму Исҳоқ ба хона баргаштанд. Баъди чанд вақт ғаму андӯҳе ба миён омад. Соро аз олам гузашт. Иброҳим занашро аз даст доду Исҳоқ модарашро гум кард.
14










Худо муҳаббати Иброҳимро месанҷад

Ҳикоя аз Каломи Худо

Пайдоиш 22-24

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

18

Хотима



19

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16

20